Фирӯза Хоҷаназарова

Х-69

# КАЛИМАЁБАК

6-7 СОЛА



ТОЗ 2
МЛ Х-69

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ХАЗИНАИ ОҒОХОН

Фирӯза Хоҷаназарова

# КАЛИМАЁБАК



Китобхонаи давлатии бачагонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи М...
2078 б/н

Китобчаи мазкур бо кӯмаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки он аз тариқи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи ин китоб маҳсули муаллиф буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.




**Фирӯза Хоҷаназарова**

**КАЛИМАЁБАК**

(Барои кӯдакони синни 6-7-сола)

ш. Душанбе ТЧБ «Истиқбол»-2013,
хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.
Тел: (+99237) 238-53-01; (918) 82-94-75
E-mail: istiqbol.tj@list.ru; Website: www.istiqbol.com

**Мушовирон:**
**Ирина Каримова,**
**Лутфия Имматова**
**Муҳаррир:**
**Ҷӯра Ҳошимӣ**
**Мусаввир:**
**Себарга Бодуренов**
**Ороишгар:**
**Владимир Прядильников**
**Мусаҳҳеҳ:**
**Ганҷина Муллоҷонова**

Ба чоп 25/07/2013 супорида шуд. Андозаи А4.
Коғаз бристоли амрикоӣ. Ҷузъи чопию
ҳисобӣ 2,0. Теъдод 1394 нусха.

**Дар интишороти «Imak-ofset» ба чоп расид.**






3

Фароиз, Беҳрӯз, Саида ва Салима ҳар рӯз шеърхонӣ, байтбарак ва калимаёбӣ мекарданд. Боре дар атрофи як калимаи барояшон аз ҳама азиз баҳс карда, ба як хулоса омада натавонистанд.



Фароиз маслиҳат дод, ки ба ҷустуҷӯйи калимаи азизтарин ба сафар бароянд. Қарор доданд, ки аз сарҳарфи номи ҷонвароне, ки дучорашон меоянд, калимаи азизтаринро меёбанд.



Бо ҳамин ният онҳо ба сафар баромаданд ва ба теппае расиданд. Ногоҳ аз байни сангҳо мори калоне пайдо шуд.




6

Беҳрӯз сарҳарфи калимаи мор – М-ро дар дафтараш навишт. Бачаҳо бо мақсади ёфтани ҳарфҳои дигар роҳашонро давом доданд.



7

Ҳамсафарон хаста шуданд ва дар болои харсангҳо нишаста, дам гирифтанд. Ногоҳ чашмашон ба оҳувон расид. Беҳрӯз хурсандона ҳарфи О-ро дар дафтараш қайд кард.





**Оҳубарраю очааш аз ғалоғулаи бачаҳо рамиданд ва аз санг ба санге ҷаҳида, ба сӯйи кӯҳсор давиданд.**



Бачаҳо рафта-рафта ба дарахтзоре расиданд. Чашми Фароиз ба досаки сари дарахт афтод.



Беҳрӯз аз омади кор хурсанд шуда, зуд дар дафтараш ҳарфи Д навишт ва бачаҳо роҳашонро давом доданд.





Бачаҳо ба тори кӯҳ расиданд. Ба поён нигариста, аккаеро диданд. Беҳрӯз дар дафтараш ҳарфи А навишт, чунки А сарҳарфи калимаи акка аст.



Аккаи думдароз дар як шохи дарахт нишаста, гирду атрофро тамошо мекард.



Бачаҳо ба поён фуромаданд. Ҳар кадоме андеша мекард, ки акнун чӣ ҷонваре дучорашон меояд?
– Ёфтам! – ногаҳон хитоб кард Беҳрӯз ва шодона дар дафтараш ҳарфи Р навишт.






**Рӯбоҳе аз паси дарахтон кунҷковона бачаҳоро назора мекард. Беҳрӯз бо хурсандӣ Саидаву Салима ва Фароизро ҷеғ зада, гуфт:**

**– Калимаи аз ҳама азизро ёфтам! Ин калима МОДАР аст!**





**Саида, Салима ва Фароиз пеши Беҳрӯз омада, калимаи «МОДАР»-ро хонда қаноатманд шуданд. Дар хақиқат, «Модар» аз ҳама азиз аст!**


Китобхонаи
Ҷумҳур



**Онҳо аз натиҷаи сафар қаноатманд гардида, сӯйи хона баргаштанд ва раҳораҳ бозии калимаёбакро давом доданд.**

E-mail: istiqbol.tj@list.ru
Website: www.istiqbol.com

